Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-0 1 4
назди ДДМИТ бо суроғаи ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/4

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Султонов Абдураҳмон Неъмонович дар мавзуи «Баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.**

Соҳаи маориф дар рушду пойдории давлат хело накши калидӣ дорад. Устувории давлатдориро муҳаққиқону донишмандон ба рушди маориф рабт медиҳанд. Маҳз ба воситаи ин соҳа, махсусан соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ки муҳимтарин қисмати соҳаи маориф дониста мешавад, мутахассисон тайёр карда мешаванд.

Дар шароити муосир талабот ба мутахассисони донишманд баланд буда ин тамоюлӣ рушд дорад, зеро дар тамоми давра мутахассиси баланд ихтисос саҳми калидӣ дар пешрафти субъектони хоҷагидорӣ дорад. Дониш ва маълумот имрӯзҳо дар баробари дигар омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодиёти инноватсионӣ саҳми арзанда доранд. Яъне, масъалаи мукаммалгардонии донишмандии мутахассисон ба вазифаи муҳимтарини дилхоҳ субъекти иқтисодӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯй соҳаи таҳсилоти олии касбӣ водор мегардад, ки вобаста ба талаботи бозори меҳнат мутахассисонро тайёр намояд. Яке аз муҳимтарин масъала дар ин самт ин дарёфти сарчашмаҳои сармоягузорӣ дониста мешавад, яъне дар шароити муосир мавзӯи таҳқиқотӣ хело муҳим дониста мешавад.

Муаллиф дар автореферат паҳлуҳои гуногуни сармоягузориҳоро дар асоси омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст. Муаллифи автореферат муҳимияти сармоягузориҳоро дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ ба дараҷаи даркорӣ нишон додааст. Муаллиф дар расми 1 модели раванди ташкилшавии сармояи инсонӣ ва натиҷанокӣ аз онро нишон додааст. Дар

натиҷаи хароҷотбарории лоиҳаҳои сармоягузориро барои гирифтани маълумоти олӣ дар мамлакат нишон додааст.

Муаллиф пурра дар баробари буҷети давлатӣ сарчашмаҳои ғайрибуҷетии маблағгузории соҳаи таҳсилоти олии касбии малакатро дар шароити муосир нишон додааст. Ҳама хулоса ва пешниҳодҳои нишондодашудаи муаллиф дар асоси талаботи муосир таҳия ва нишон дода шудаанд, ки дар оянда метавонад дар самти баланд бардоштани сатҳи самараонкии сармоягузориҳо дар ин соҳа истифода бурда шаванд.

Дар баробари ҳама муваффақиятҳои мавҷуда камбудиҳо ва норасогиҳо дар кори таҳқиқотӣ дида мешаванд, ки муҳимтаринашон пурра ва васеъ накушодани нақши сармоягузориҳои хусусӣ дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбии малакат мебошад. Хуб мешуд агар нақши сармоягузориҳои хусусӣ ва усулҳои навинӣ ҷалби онҳо нишон дода мешуд.

Умуман нишон додани ин мушкилотҳо ба моҳият ва аҳамияти рисолаи таҳқиқшуда таъсир нарасонида, моҳияти онро коста карда наметавонанд.

Инро қайд бояд кард, ки рисолаи диссертатсионии Султонов Абдураҳмон Неъмонович пурра анҷомида ҳисоб шуда, ба ҳама талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллиф Султонов Абдураҳмон Неъмонович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ дотсент,**
**дотсенти кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Олимов С.И.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, Кӯчаи Саид Носир, 33, тел: (+992 37) 224-17-86.**
**Тел./Факс: (+992 37) 224-17-86.**

**Имзои Олимов С.И. – ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИД назди Президенти ЧТ** **Зоирхонзода Ф.З.**